# ПРОТОКОЛИ № 27
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА- 051 назди ДМТ

аз “10” августи соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.06.20256 №240 ш/д тасдиқгардида, 9 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон доктррони илм ва 1 нафар номзади илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зарарасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои биологӣ, Каримзода А.И. ва аъзои комиссия, номзади илмҳои биологӣ Имонов М.Ш. ва номзади илмҳои биологӣ Саидов Н.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Давлатов О.М. дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зарарасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи “Ҳашарот ва канаҳои зарарасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда ба чунин қарор омаданд.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатзода Одинашо Муҳаббат дар мавзуи «Ҳашарот ва канаҳои зараррасони анор (*Punica granatum* L.) дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ ва усулҳои мубориза бар зидди онҳо»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.21. Зоология ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Мирзобаходур Шаҳноза Раҳмон – доктори илмҳои биологӣ, профессор, мудири кафедраи зоология ва физиологияи одам ва ҳайвоноти факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров;
- Қодирзода Фирдавс Тағойбек – номзади илмҳои кишоварзӣ, муовини директори Институти ҳифзи растаниҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
- Ба сифати муассисаи пешбар – Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н.Павловскийи Академияи миллии имлҳои Тоҷикистон таъин гардад.

3. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДМТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
5. Таърихи баргузории ҳимоя 29 октябри соли 2026 соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ, профессор — Қодиров А.Ҳ.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ — Мирзоев Н.М.